Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 109 (4849) | СЕШАНБЕ, 10 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## РАСИДАН БА ИСТИҚЛОЛИ СИЁСӢ БУЗУРГТАРИН ПАДИДАИ ТАЪРИХИ МУОСИРИ ХАЛҚИ ТОҶИК МЕБОШАД

**Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Ҷашни 33-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон**

**8-уми сентябри соли 2024, шаҳри Душанбе**

**Ҳамватанони азиз!**

Ҷашни барои ҳар як фарзанди Тоҷикистон муқаддасу муборaки 33-солагии Истиқлоли давлатӣ фаро расид.

Ба ифтихори ин ҷашни бузурги миллӣ, ки дастоварди воқеан таърихӣ ва сарнавиштсоз мебошад, тамоми мардуми сарбаланди кишвар ва ҳамватанони бурунмарзиамонро самимона табрик мегӯям.

Аз ҷониби хурду бузурги мамлакат бо шукӯҳу шаҳомат ва бо хушҳоливу хурсандӣ таҷлил гардидани Ҷашни Истиқлоли давлатӣ нишонаи возеҳу равшани он аст, ки мардуми шарифи Тоҷикистон ба қадри озодиву соҳибихтиёрӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мерасанд ва ба таърихи пурифтихор, тамаддуни бостонӣ, забон, фарҳанг, расму оинҳо ва суннату анъанаҳои миллии худ ҳамчун арзишҳои бебаҳову ҷовидонӣ эҳтирому арҷ мегузоранд.

Бо камоли ифтихору сарфарозӣ иброз медорам, ки расидан ба истиқлоли сиёсӣ ва таъсис додани давлати соҳибихтиёр бузургтарин, муқаддастарин ва муҳимтарин падидаи таърихи муосири халқи тоҷик мебошад. Ин рӯйдоди беназир ҳамчун оғози таҳаввулоти бунёдӣ дар сарнавишти миллати бостонии тоҷик заминаи устувори худшиносии миллии мардуми моро фароҳам овард, ба хотири ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва оғози ташаббусҳои созанда омили муттаҳидсоз гардид.

Истиқлолу озодӣ барои ҳар фарди Тоҷикистон арзиши муқаддастарин, сарвати гаронбаҳотарин ва сарчашмаи саодат ба ҳисоб меравад.

Имрӯз ба шарофати истиқлол давлати Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, кишвари азизи мо ба узвияти кулли созмонҳои бонуфузи дунё пазируфта шудааст.

Аз ин лиҳоз, қарзи инсонӣ ва вазифаи шаҳрвандии мост, ки ҳамеша шукронаи ин неъмати бебаҳоро ба ҷо оварем ва онро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем.

Расидан ба чунин рӯзи босаодат, яъне соҳиби давлати соҳибихтиёр гардидан ва дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳуқуқу овози баробар бо дигар кишварҳоро ноил шудан ормони деринаи халқи мо буд. Вале Тоҷикистони мо ҳанӯз дар рӯзҳои нахустини Истиқлоли давлатӣ, яъне ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта, ба гирдоби мухолифатҳои шадиди дохилӣ, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва фоҷиаи бародаркушӣ гирифтор гардид.

Дар натиҷа миллати тоҷик бо хатари парокандашавӣ рӯ ба рӯ гардид ва давлати ҷавони тоҷикон дар остонаи нобудӣ қарор гирифт. Яъне, бадхоҳони миллати тоҷик ва давлати тоҷикон як сарзамини ободу хуррам, як миллати бостониву мутамаддинро ба хоку хун кашиданд ва сокинони ин обу хоки муқаддасро ба қашшоқиву муҳтоҷӣ расониданд.

Мардуми шарифи Тоҷикистон он зарбаи ҷонкоҳ ва рӯзҳои сахту сангини пур аз даҳшату машаққатро фаромӯш накардаанд ва ҳаргиз фаромӯш намекунанд.

**Ҳамватанони азиз!**

Дар он марҳалаи ҳассоси таърихӣ, маҳз ба шарофати майлу иродаи қавӣ ва дастгириву пуштибонии мардуми шарифи тоҷик давлати тоҷикон аз вартаи ҳалокат наҷот дода, ягонагии ҳудуди кишвар ҳифз карда шуд.

Ҳамзамон бо ин, фаъолияти аркон ва сохторҳои фалаҷшудаи давлатдорӣ барқарор гардида, беш аз як миллион гурезаҳои иҷборӣ ба Ватан баргардонида, мардум сарҷамъ ва миллати тоҷик аз хатари парокандагӣ наҷот дода шуд.

Рамзҳои давлати соҳибистиқлол қабул карда шуданд, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ таъмин ва ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ оғоз гардида, буҳрони шадиду фарогири иқтисодӣ ба эътидол оварда шуд ва раванди эҳёи арзишҳои миллӣ самту суръат ёфт.

Бо амалӣ гардидани иқдомоти зикршуда барои заҳмати ободгаронаи мардуми шарифи Тоҷикистон ва дар навбати аввал, ҷиҳати барқарорсозии баъдиҷангӣ, яъне бартараф намудани оқибатҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ заминаҳои зарурӣ гузошта шуданд.

Қобили зикр аст, ки Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар арсаи олам мақому манзалати шоиста пайдо кард ва дар ҳалли як силсила мушкилоти сатҳи ҷаҳонӣ, аз ҷумла дар масъалаҳои обу иқлим саҳми назаррас гузошт ва ҳамчун кишвари пешсафу ташаббускор мавриди эҳтирому эътироф қарор гирифт. Яъне, имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ Тоҷикистонро на танҳо мешиносад ва эътироф мекунад, балки ташаббусҳои байналмилалии онро пуштибониву дастгирӣ менамояд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва рушди фарҳанги миллӣ дар маркази диққати Ҳукумати мамлакат қарор доштанд ва ба дастовардҳои назаррас ноил гардиданд.

Тайи даврони соҳибистиқлолӣ тамоми имконияту захираҳо барои таъмин намудани рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар сафарбар карда шуданд. Дар натиҷа, сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999 то ба 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш дода шуд.

Бо мақсади идома додани ин раванд дар Паёми имсолаи Президент ба Ҳукумати мамлакат супориш дода шуд, ки дар ҳафт соли минбаъда сатҳи камбизоатӣ то ба 10 фоиз паст карда шавад.

Дар даврони Истиқлоли давлатӣ мо тамоми саъю талоши худро дар доираи чор ҳадафи стратегии миллӣ – расидан ба истиқлолияти энергетикии кишвар, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат муттаҳид сохтем.

Дар ин давра бо заҳмати содиқонаи мардумамон беш аз 2200 километр роҳ, даҳҳо километр нақб ва садҳо пули ҷавобгӯ ба меъёрҳои ҷаҳонӣ бунёд карда, ба яке аз ҳадафҳои стратегии худ ноил гардидем. Яъне, Тоҷикистони сепорчаро ба як қаламрави воҳид табдил додем ва кишвари маҳбубамонро аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшида, онро ба мамлакати транзитӣ мубаддал сохтем.

Танҳо аз файзу баракати истиқлол мо имкон пайдо кардем, ки бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро оғоз намуда, сохтмони ин иншооти азимро вусъат бахшем ва агрегатҳои аввалини онро ба кор андозем. Ҳамзамон бо ин, неругоҳҳои барқи обии «Сангтӯда – 1», «Сангтӯда – 2» ва даҳҳо неругоҳи миёнаву хурд бунёд карда, 75 фоизи шабакаҳои энергетикии мамлакатро таҷдиду бунёд кардем, таҷдиду aзнавсозии пурраи Неругоҳи барқи обии «Сарбанд»-ро ба анҷом расонидем ва низоми ягонаи энергетикии кишварро ба вуҷуд овардем. Имрӯзҳо бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва корҳои таҷдиду барқарорсозии неругоҳҳои «Норак» ва «Қайроққум» босуръат идома доранд.

**Ҳамватанони азиз!**

Солҳои охир мардуми сайёра бар асари тағйирёбии босуръати иқлим ва оқибатҳои ногувори он – камобиву хушксолии паёпай, офатҳои табиӣ ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ ба мушкилоти бисёр ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардидаанд.

Илова ба мушкилоти экологӣ, хусусан, чор – панҷ соли охир авзои ҷаҳон торафт мураккабу печида гардида, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ, рӯз ба рӯз вусъат пайдо карда истодаанд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

## ҶАНГ ВОН САМ ДАР ҲУЗУРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



**6-уми сентябри соли 2024 дар Қасри миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Агентии Корея оид ба ҳамкории байналмилалӣ (КОИКА) Ҷанг Вон Самро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот масоили ҳамкории Тоҷикистон бо Агентии Корея оид ба ҳамкории байналмилалӣ баррасӣ гардид.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҷумҳурии Кореяро шарики боэътимоди Тоҷикистон дар Осиёи Шарқӣ ва КОИКА-ро ниҳоди муҳими тақвияти ин шарикӣ номиданд.

29 фоиз афзоиш ёфтани ҳаҷми гардиши мол миёни ҳар ду кишвар дар ҳафт моҳи соли равон тамоюле номида шуд, ки арзандаи дастгирӣ аст.

Зимни суҳбат ҳамкорӣ дар татбиқи тарҳҳои мухталиф, аз ҷумла дар самти энергетика, нақлиёт, саноат, соҳибкории хурду миёна, рақамикунонӣ, идоракунии давлатӣ ва рушди инсонӣ, баррасӣ шуд.

Ҳамкорӣ дар бахшҳои маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ ва идораи об, ҳифзи муҳити зист, ҳолатҳои фавқулода ва таъмини рушди устувор низ самарабахш арзёбӣ гардид.

Ҳамчунин, доир ба масоили мубрами ҳамкории дуҷониба, аз қабили тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, афзоиши тавлиди «энергияи сабз», рушди «иқтисоди сабз», ташкили «технопаркҳо», ҷорӣ намудани «технологияҳои рақамӣ» ва тавсеаи «тиҷорати электронӣ» табодули андеша сурат гирифт.

**www.prezident.tj**

## ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ ТОҶИКИСТОНРО БО ҶАҲОН ВА ҶАҲОНРО БО ТОҶИКИСТОН НАЗДИК ГАРДОНИД

**Паёми шодбошии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба муносибати Ҷашни 33-солагии Истиқлоли давлатӣ**

**9-уми сентябри соли 2024, шаҳри Душанбе**



**Ҳамватанони азиз!**
**Сокинони шарафманди пойтахт!**

Истиқлоли давлатӣ яке аз бузургтарин дастоварде мебошад, ки миллати сарбаланди мо онро ҳамасола 9 сентябр бо ифтихору сарфарозӣ ва шукӯҳу шаҳомати хоса ҷашн мегирад. Ба ин муносибат тамоми сокинони ватандӯсти кишварамонро самимона табрик мегӯям.

Боиси ифтихормандист, ки сокинони сарбаланди мамлакат дар атрофи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷамъ омада, пойдевори давлати соҳибистиқлоли тоҷиконро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона гузошта, баҳри пешрафти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва боз ҳам беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ талош варзиданд.

Баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ мо узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, имрӯз ҳамчун кишвари пешоҳанги сулҳҷӯ тавассути ташаббусҳои созанда дар ҳалли масъалаву мушкилоти глобалии сайёра саҳмгузорем.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ таҳти роҳбарии Пешвои миллат бо бунёди роҳу пулҳо, нақбҳо, неругоҳҳои барқи обӣ ва садҳо корхонаи бузурги саноатӣ Тоҷикистон ба як қаламрави воҳид ва кишвари транзитӣ мубаддал гардид.

Маҳз, Истиқлоли давлатӣ Тоҷикистонро бо ҷаҳон ва ҷаҳонро бо Тоҷикистон наздик гардонид ва сиёсати сулҳҷӯёнаи Президенти маҳбуби кишвари мо боиси болоравии бесобиқаи нуфузу обрӯи Тоҷикистон дар байни ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид.

Истиқлоли давлатӣ барои кишвари ҷавони мо як рукни муҳими давлатдорӣ ва шарти аслии пешрафту шукуфоии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, моро зарур аст, ки баҳри таҳкиму устуворӣ ва рушди минбаъдаи он дар ҳамбастагӣ тамоми неруи зеҳнии хешро равона созем.

Имрӯзҳо ҳар яки мо вазифадорем, ба арзишу дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ арҷ гузорем ва дар роҳи ноил шудан ба ҳадафҳои давлати озоду соҳибистиқлоламон саъю талоши бештар намоем. Мо таҳкиму тақвияти Истиқлоли давлатӣ ва ҳифзи сулҳу амнияти кишварро рисолати муқаддаси худ меҳисобем.

Дар фарҷом, бо ибрози ниятҳои нек Ҷашни муқаддаси миллӣ – 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатиро ба тамоми мардуми шарифи кишвар ва ҳамватанони бурунмарзиамон самимона табрик гуфта, ба онҳо саломатӣ, саодати рӯзгор, комёбӣ ва ба Тоҷикистони маҳбубамон сулҳу суботи ҷовидона ва ояндаи дурахшонро орзу менамоям.

**Рӯзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муборак, ҳамдиёрони азиз!**

## ТАБРИКОТИ

### роҳбарони кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва шахсиятҳои маъруф ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ба муносибати Ҷашни 33-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба унвонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз номи сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои хориҷӣ, роҳбарони созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, инчунин, ходимони намоёни давлативу ҷамъиятӣ номаҳои шодбошӣ ворид гардиданд.*

*Дар ин паёмҳои табрикотӣ дастовардҳои назарраси тайи солҳои соҳибистиқлолии кишвари мо дар арсаҳои давлатсозӣ, рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ таъкид гардидаанд. Дар онҳо, ҳамчунин, таҳкими пайвастаи обрӯву эътибори давлати мо дар арсаи ҷаҳонӣ тавассути иштироки созандаву фаъолона дар ҳалли масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ қайд карда шудааст.*

*Муаллифони паёмҳо ва барқияҳои табрикотӣ, бо арзи эҳтиром ба Сарвари давлати мо ва таманниёти сиҳатмандӣ, некуаҳволӣ ва комёбиҳои навин дар фаъолияти сермасъули давлатӣ, ба мардуми Тоҷикистон самимона сулҳу суботи пойдор ва шукуфоии минбаъда орзу намудаанд.*

***



**«Ҷаноби Олӣ,**

Шуморо ба муносибати Рӯзи Истиқлолият самимона табрик мегӯям.

Созмони Милали Муттаҳид бо тамоми мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҷлили ин рӯзи фархунда ҳамроҳ мешавад.

Ин лаҳзаест, ки аҳамияти ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор, мубориза бо буҳрони иқлим, тавсеаи имконият ва оянда барои ҳамаро дар хотир дошта бошем.

Акнун замони ҳамбастагӣ барои пешрафти сулҳ, шукуфоӣ, рушди устувор ва ҳуқуқи инсон барои ҳамаи одамон аст. Дар таҷлили ин санаи муҳим бо Шумо ҳамроҳам. Биёед ҷиҳати ояндаи беҳтар барои мардуми Тоҷикистон ва ҳама дар саросари ҷаҳон талош варзем.

Лутфан, Ҷаноби Олӣ, изҳори эҳтироми олии маро қабул намоед».

***Антониу Гуттериш,***
***Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид***

***



**«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович,**

Табрикоти самимонаи инҷонибро ба ифтихори Ҷашни миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Рӯзи Истиқлолият қабул фармоед.

Муносибатҳои миёни давлатҳои мо дар рӯҳияи шарикии стратегӣ ва ҳампаймонӣ пайгирона рушд меёбанд. Россия ва Тоҷикистон дар самтҳои мухталиф ва дар доираи ИДМ, СААД, СҲШ, СММ ва дигар сохторҳои бисёрҷониба ба таври фаъол ва самарабахш ҳамкорӣ доранд.

Бовар дорам, ки бо талошҳои муштарак мо тақвияти минбаъдаи тамоми маҷмӯи робитаҳои созандаи Россия ва Тоҷикистонро таъмин хоҳем кард. Ин, бешубҳа, ҷавобгӯи манфиатҳои аслии мардумони ба ҳам дӯсти мо буда, дар роҳи таҳкими амният ва субот дар Осиёи Марказӣ сурат мегирад.

Ба Шумо, муҳтарам Эмомалӣ Шарифович, сиҳатмандии бардавом ва комёбиҳо, ба ҳамаи ҳамватанони Шумо сулҳу шукуфоӣ орзумандам».

***Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин***

***



**«Муҳтарам Ҷаноби Президент,**

Ба муносибати 33-юмин солгарди Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷозат фармоед, то ба Шумо ва мардуми дӯсти Тоҷикистон табрикоти самимӣ ва таманниёти неки худро иброз намоям.

Таҳти роҳбарии Шумо дар кишвар «Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» бемайлон амалӣ гардида, дар бунёди давлатдорӣ комёбиҳои бузург ба даст оварда шудааст. Ҷониби Чин ҳамчун ҳамсояи нек, дӯсти наздик ва шарики боэътимод аз ин раванд сидқан хушҳол аст.

Моҳи июли соли ҷорӣ ман ба кишвари Шумо сафари давлатӣ доштам. Дар ҷараёни сафар мо аз рушди робитаҳои ҳамкории ҳамаҷониба ва шарикии стратегии Чину Тоҷикистон ба марҳалаи нав хабар дода, ҷиҳати ташаккули Ҷомеаи сарнавишти муштараки Чин ва Тоҷикистон дар нуқтаи оғози нав ба мувофиқа расидем.

Ман омодаам, ки бо Шумо барои таъмиқи минбаъдаи эътимоди сиёсии ҳар ду кишвар, пешбурди пайвастаи ҳамкории ҳамаҷонибаи мутақобилан судманд миёни Чин ва Тоҷикистон ва якҷоя ба сатҳи нав баровардани муносибатҳои дуҷониба талош варзам.

Ба Тоҷикистон шукуфоӣ ва афзоиши қудрат, ба мардуми он саодатмандӣ ва некуаҳволӣ таманно дорам».

***Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Сӣ Ҷинпин***

***



**«Муҳтарам Ҷаноби Президент,**

Аз номи мардуми Иёлоти Муттаҳидаи Амрико таманниёти беҳтаринро ба мардуми Тоҷикистон ба муносибати 33-юмин солгарди Ҷашни Истиқлоли давлатии кишваратон изҳор медорам.

Тайи як соли охир Тоҷикистон ва Иёлоти Муттаҳида ҳамкориашонро ҷиҳати таъмини ояндаи дурахшон барои мардумонашон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ амиқтар карданд.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# ТАШРИФИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА СУҒД



**7-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади иштирок дар тантанаҳои идона бахшида ба 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатӣ, шиносоӣ бо вазъи зиндагии мардум, ҷараёни корҳои ободонию созандагӣ, ифтитоҳи як қатор иншооти муҳим ва суҳбату мулоқот бо сокинон ба вилояти Суғд ташриф оварданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро раиси вилояти Суғд ва дигар шахсони расмӣ истиқбол гирифтанд.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ба муносибати 33-юмин солгарди Истиқололи давлатии кишвар тадбирҳои зиёди ободонӣ амалӣ гардида, иншооти зиёди таъиноти гуногун бунёд ёфтааст ва ташрифи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тантанаҳои идонаи сокинон шукӯҳи бештар мебахшад.

Сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вилояти Суғд аз шаҳри Бӯстон оғоз гардид. Дар шаҳри Бӯстон Сарвари давлат бинои нави истиқоматӣ барои хизматчиёни ҳарбии ҷузъу томҳои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки дар гарнизони Суғд воқеанд, ба истифода доданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзҳои таҷлили Ҷашни 33-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифода додани бинои истиқоматӣ барои хизматчиёни ҳарбиро туҳфаи арзанда номида, ба соҳибони хуштолеи манзилҳо дар вазъияти тантанавӣ шахсан калиди ҳуҷраҳоро супориданд.

Бинои нав, ки аз панҷ ошёна иборат аст, аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ бунёд гардида, дорои 45 хонаи истиқоматии як, ду ва сеҳуҷрагӣ мебошад. Тавре аён гардид, ҳамаи хонаҳои истиқоматӣ бо ҷиҳозу лавозимоти рӯзгор таъмин карда шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нафароне, ки соҳиби манзилҳои нав гардиданд, даъват ба амал оварданд, ки вазифа ва масъулияти бевоситаи худро дар назди Ватан содиқонаю софдилона иҷро карда, барои оромию осудагӣ ва ҳифзи дастоварду музаффариятҳои давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳамчун сипари боэътимод хизмат намоянд.

Хизматчиёни ҳарбӣ дар навбати худ ба Президенти кишвар, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ арзи сипос намуда, таъкид доштанд, ки дар ҳифзи марзу бум ва осоиштагии Ватан содиқона хизмат мекунанд ва чунин қадршиносӣ онҳоро дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ беш аз ҳар вақти дигар масъулиятшинос хоҳад кард.

Бинои истиқоматии навбунёд дар мавзеи зебои шаҳри Бӯстон қомат афрохтааст ва дигар иншооти муҳим, аз ҷумла мактабу боғчаи бачагон, дармонгоҳу марказҳои савдою хизматрасонӣ дар наздиктарин масофа ҷойгир мебошанд.

Масоҳати умумии ин мавзеъ қариб як гектар буда, дар ҳавлии бино таваққуфгоҳи воситаҳои нақлиёт, майдончаи муосири варзиш, ҷой барои бозию дилхушии кӯдакон ва истироҳату фароғати истиқоматкунандагон бунёд карда шудааст.

Ҳамчунин, иншооти нав бо шабакаи гармидиҳӣ таъмин буда, ҳар як қисми бинои истиқоматӣ бо як адад лифти замонавӣ муҷаҳҳаз гардидааст. Тавре таъкид гардид, таъмини хизматчиёни ҳарбӣ ва аъзои оилаи онҳо бо манзили истиқоматӣ доимо дар маркази таваҷҷуҳи Пешвои миллат қарор дорад ва ин раванд идома дода мешавад.

Дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои мамлакат танҳо аз Вазорати мудофиа наздики ҳазор нафар хизматчиёни ҳарбӣ бо манзили зист таъмин шудаанд ва бунёди хонаҳои истиқоматӣ ё худ шаҳраки низомиён барои афсарону оилаҳои онҳо ҳамоно идома дорад.

Ёдовар мешавем, ки соли 2016 дар ҳамин мавзеъ бо дастуру ҳидояти бевоситаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои хизматчиёни ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон як бинои дуошёнаи истиқоматӣ, ки аз 32 хона иборат аст, сохта ба истифода дода шуда буд.

**7-уми сентбяри соли ҷорӣ дар доираи сафари корӣ ба вилояти Суғд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**




**дар шаҳраки Сирдарёи шаҳри Гулистон бинои нави маркази саломатиро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, бо шароити кор ва хизматрасонӣ дар ин муассиса шинос шуданд.**

Бунёди бинои нави маркази саломатӣ аз моҳи апрели соли 2024 оғоз гардида, дар рафти корҳои сохтмонӣ зиёда аз 30 мутахассиси маҳаллӣ ба кор ҷалб шуданд. Иншоот пурра бо истифода аз маҳсулоти баландсифати ватанӣ ва харҷи 2,5 миллион сомонӣ маблағ бунёд гардид.

Маркази нави саломатӣ дуошёна буда, аз 13 ҳуҷраи корӣ, аз ҷумла ҳуҷраҳои табиби дандон, ташхиси ултрасадо, тибби оилавӣ, хатна, амрози занона ва маҷлисгоҳ бо 25 ҷойи нишаст иборат аст. Иншооти нави саломатӣ барои хизмат ба 862 хоҷагӣ ва 3 ҳазору 724 сокини шаҳраки Сирдарёи шаҳри Гулистони бо сатҳу сифати ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир пешбинӣ шудааст. Бо бунёд гардидани бинои нави маркази саломатӣ дар шаҳраки Сирдарё даҳ мутахассиси маҳаллӣ бо ҷойи кор таъмин карда шудаанд.

Тавре иттилоъ доданд, бинои аввалаи маркази саломатии шаҳраки Сирдарё дар ҳолати садамавӣ қарор доштааст, бинобар ин, зарур дониста шуд, ки дар партави дастгириву роҳнамоиҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати боло бурдани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ бинои нави маркази саломатӣ дар муддати кӯтоҳ сохта, мавриди истифода қарор дода шавад. Саҳни беморхонаро гулҳои ороишӣ ва дарахтони сояафкан зиннат бахшидааст.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дар маркази нави саломатӣ шароиту имкониятҳои муосири кору хизматрасонӣ фароҳам оварда шудааст.

Сокинони шаҳраки Сирдарё аз он изҳори хушнудӣ менамоянд, ки дар фазои сулҳу амнияти кишвар осуда зиндагӣ мекунанд ва аз дастгириву ғамхориҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша бархӯрдор мегарданд. Онҳо бунёди марказро аз зумраи иқдомҳои роҳбарияти давлат дар пайи татбиқи амалии сиёсати инсондӯстонаи иҷтимоӣ ва туҳфаи арзанда ба ифтихори Ҷашни 33-солагии Истиқлоли давлатӣ меҳисобанд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин барои бунёди маркази муосири саломатӣ изҳор сипос намуда, табибонро ба хизмати софдилона ба мардум ҳидоят намуданд.

Чунонки аён мегардад, дар партави сиёсати иҷтимоии давлат ва дастгириҳои ҳамешагии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои охир бунёди муассисаҳои нави тиббӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи муосир зиёд гардида, сатҳу сифати хизматрасониҳо бамаротиб боло рафт.

Аз ҷумла, дар соли 2023 барои соҳаи тандурустӣ 3,3 миллиард сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки 8,8 фоизи буҷети давлатиро ташкил медиҳад ва дар муқоиса бо соли 2017-ум 2,3 баробар зиёд аст.

**7-уми сентябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар минтақаи саноатии шаҳри Гулистони вилояти Суғд бо бардоштани парда аз рӯи лавҳаи рамзӣ корхонаи истеҳсоли ноқили барқӣ ва лӯла (шланг)-и Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Абдуллоев Саидбой»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Ин корхона аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Саидбой Абдуллоев дар доираи «Солҳои рушди саноат» бунёд карда шудааст.

Зимни шиносоӣ бо фаъолияти корхонаи саноатӣ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки он дар масоҳати 1 гектару 5 садяк замин бунёд гардида, аз ду коргоҳи истеҳсолии ноқили барқӣ, рӯдаи резинӣ ва гофра иборат аст.

Коргоҳи истеҳсоли ноқили барқӣ дар масоҳати 1200 метри мураббаъ ҷойгир буда, тавоноии истеҳсолияш 300 ҳазор метри тӯлонӣ дар моҳ мебошад. Дар ин коргоҳ то 30 намуд ноқили барқӣ бо тавононии аз 450 волт то 1 киловолт истеҳсол карда мешавад. Ин ноқилҳо барои гузаронидани хати барқи дохилии биноҳои истиқомативу маъмурӣ нигаронида шудаанд.

Дар ин коргоҳ дар ду баст 14 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷойи кор ва маоши мувофиқ таъмин гардиданд. Айни ҳол маҳсулоти хом барои рӯйкаши ноқилҳо аз хориҷи кишвар ворид карда мешавад. Дар оянда дар нақша аст, ки истеҳсоли гранулаҳои пластикӣ дар худи ҳамин корхона ба роҳ монда шавад.

Фаъолияти коргоҳи дигари ин корхона ба истеҳсоли рӯда (шланг)-и резинӣ нигаронида шудааст. Дар коргоҳ 8 нафар дар ду баст ба кор ҷалб карда шудаанд. Дастгоҳҳои коргоҳ низ истеҳсоли ширкатҳои пешқадами ҷаҳонӣ буда, ворид ва насб карда шудааст.

Коргоҳи истеҳсолӣ дар масоҳати 648 метри мураббаъ бунёд карда шуда, дар як моҳ тавоноии истеҳсоли 60 ҳазор метр рӯда (шланг)-и резинӣ ва гофраро доро мебошад. Дар ин ҷо ҳафт намуд рӯда (шланг)-и резинии қутраш аз 10 то 40 миллиметр ва 5 намуд гофра бо қутри аз 16 то 40 миллиметр истеҳсол карда мешавад.

Дар сохтмони корхона ширкати ватании «Амир» ҷалб гардида, он дар зарфи қариб як сол бо сифати баланд бунёд карда шудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо имкониятҳои корхона ба сифати корҳои сохтмонӣ ва нақши он дар таъмини ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротӣ ва коҳиши маҳсулоти воридотӣ баҳои баланд доданд.

Дар корхонаи нав дар баробари биноҳои истеҳсолӣ, ҳамчунин, бинои маъмурӣ, ошхона барои кормандон ва дигар иншооти ёридиҳанда мавҷуд аст, ки шароити мусоидро барои кору истироҳати кормандон фароҳам кардааст. Дар маҷмӯъ, дар корхона наздики 30 нафар сокини маҳаллӣ бо кор ва маоши хуб таъмин карда шудаанд. Дар саҳни ҳавлии корхона намунаи молу маҳсулоти ин коргоҳи саноатӣ ба намоиш гузошта шуд.

Ба истифода додани чунин корхонаҳо, ки асосан молу маҳсулоташон ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронида шудааст, дар роҳи расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар қадами намоён ба ҳисоб меравад.

Бо назардошти аҳамияти бузурги ҳадафи мазкур имрӯзҳо дар шаҳру ноҳияҳои кишвар, аз ҷумла дар вилояти Суғд аз ҷониби сармоягузорони ватанӣ дар заминаи технологияи муосиру инноватсионӣ коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ бунёд карда мешаванд.

Таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди саноат ва шарикии давлат бо бахши хусусӣ боис гардид, ки дар кишвар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи корхонаҳои саноатӣ бамаротиб афзоиш ёбад. Эълони «Солҳои рушди саноат» низ ба ин раванд такони ҷиддӣ бахшид.

**7-уми сентябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари корӣ ба вилояти Суғд дар минтақаи саноатии шаҳри Гулистон «Корхонаи металлургии тоҷик»-ро ифтитоҳ намуда, бо раванди истеҳсолот шинос шуданд.**

Иншооти нави саноатӣ дар заминаи муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории мутақобилан судманди Тоҷикистон бо Ӯзбекистон бунёд шуда, фаъолияти он ба истеҳсоли маҳсулоти сохтмонии прут ва арматура равона гардидааст.

Хатҳои истеҳсолии корхона аз насли нави давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон буда, иқтидори истеҳсолии он дар як сол 30 ҳазор тонна маҳсулотро ташкил менамояд.

Бо таъсис ва ба фаъолият оғоз намудани «Корхонаи металлургии тоҷик» дар шаҳри Гулистон наздики 130 нафар сокини маҳаллӣ, ки аксарашон ҷавонони соҳибтахассус мебошанд, бо кор ва маоши хуб таъмин гардидаанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолият оғоз намудани корхонаи нави саноатиро омили муҳиму қадами устувор дар роҳи расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – саноатикунонии босуръати кишвар маънидод карданд.

Ашёи хом барои истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ ба корхонаи нави саноатӣ аз дохили кишвар дастрас мегардад ва тибқи нақша, ҳаҷми истеҳсолот дар як сол 15 миллион долларро ташкил менамояд. Дар ҳамин ҷо ба Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаи бунёди марҳилаи дуюми «Корхонаи металлургии тоҷик» муаррифӣ карда шуд.

Иттилоъ дода шуд, ки корҳои сохтмонии марҳилаи дуюми корхонаи саноатӣ дар шаҳри Гулистон охирҳои соли 2024 оғоз шуда, дар соли 2025 ба кор андохта мешавад.

Баъди ба фаъолият оғоз намудани марҳилаи дуюми корхона дар баробари прут ва арматура, ҳамчунин, истеҳсоли дигар намуди таҷҳизот аз оҳан мувофиқ ба талаботи имрӯза ба роҳ монда шуда, зарфияти истеҳсолии «Корхонаи металлургии тоҷик» дар як сол то ба 50 ҳазор тонна маҳсулот расонида хоҳад шуд. Дар марҳилаи дуюм 130 ҷойи дигари корӣ таъсис хоҳад ёфт.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулон барои иҷрои босифати корҳои сохтмонӣ ва дар муҳлати муайянгардида фаъол сохтани марҳилаи дуюми корхона дастуру маслиҳатҳои муфид доданд. Таъкид кардан бамаврид аст, ки дар шаҳри Гулистони вилояти Суғд наздики 50 корхонаи саноатӣ фаъолият дошта, дар онҳо бо истифода аз имконоту зарфиятҳои мавҷуда аксаран истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва содиротӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 11 корхонаи истеҳсоли арматура фаъолият дорад ва ин корхонаи навтаъсис калонтарин ба ҳисоб меравад. Дар як шабонарӯз дар корхона 100 тонна оҳанпора коркард мешавад. Маоши миёнаи коргарон 4500 сомониро ташкил медиҳад.

**7-уми сентябри соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар минтақаи**



**саноатии шаҳри Гулистон ба фаъолияти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Доруи Суғд» оғоз бахшиданд.**

«Доруи Суғд» дуюмин корхонаи дорусозӣ дар шаҳри Гулистон маҳсуб ёфта, дар асоси дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар ва «Солҳои рушди саноат» бо иқдоми соҳибкори ватанӣ Абдувалӣ Ҳоҷиев сохта шудааст.

Дастгоҳу таҷҳизоти дар ду хати истеҳсолӣ насбгардида аз ширкатҳои маъруфи ҷаҳонӣ ворид карда шуда, раванди истеҳсолот ва бандубасти маводи доруворӣ тибқи талабот ва стандартҳои байналмилалӣ ҷараён мегирад.

Маводи доруворӣ дар корхонаи нави саноатӣ бо истифода аз меваю сабзавот, гиёҳҳои шифобахши ватанӣ ва қисман аз ҳисоби воридоти ашёи хом истеҳсол карда мешавад.

Дар корхонаи нави саноатӣ 60 нафар мутахассиси маҳаллӣ ба кор ҷалб гардида, бо истифода аз технологияи муосири соҳавӣ 30 номгӯи маҳсулот, аз ҷумла ғилофак ва доруҳои шаклу ҳаҷми гуногун, гранулаҳо барои суспензия, шарбат, маҳлулҳо барои истифодаи беруна, малҳами табобатию ороишӣ ва дигар маводи дорувории ивазкунандаи воридот истеҳсол мекунанд. Тибқи нақша, истеҳсолот дар як сол ба 60 номгӯй расонида мешавад.

Иқтидори истеҳсолии корхона дар як сол 30 миллион бастаҳои дору ва ғилофак, як миллион зарфи суспензия, 500 ҳазор зарф маҳлулҳо барои истифодаи беруна ва 1,5 миллион қуттии малҳамро ташкил менамояд.

Зимни шиносоӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо раванди истеҳсолот, аз ҷумла таъкид гардид, ки дар шароити дигаргунии босуръати иқлим талаботи инсон ба дорувории табиӣ бештар мегардад ва дорусозони ватанӣ бояд аз имконияту зарфиятҳои фарохи табиати ғании Тоҷикистон дар ин самт васеъ истифода намоянд. Дар асоси маълумоти оморӣ воридоти маводи доруворӣ ба Тоҷикистон дар як сол 92 млн. долларро ташкил менамояд. Аз ин лиҳоз, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулини соҳаи даҳлдор дастур доданд, ки сифат ва ҳаҷми истеҳсолотро боз ҳам баланд намуда, дар самти коҳиш додани воридоти доруворӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ саҳми муносиб гузоранд.

Тибқи маълумот имрӯз дар Тоҷикистон зиёда аз 4500 гулу гиёҳҳои шифобахш мерӯяд, ки барои истифода дар илми тиб ва саноати дорусозӣ мувофиқ мебошанд.

Дар ширкати «Доруи Суғд» озмоишгоҳ бо дастгоҳу таҷҳизоти муосир фаъолият мекунад. Мутахассисон тамоми ашёи хомро бо истифода аз шароиту имконоти мавҷуда бо усулҳои махсус ташхис карда, бехатарии онро таъмин мекунанд.

Соҳибкорони ватанӣ дар асоси нишондодҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти пешгирӣ аз воридоти дорувории пастсифату қалбакӣ ва коҳиш додани нархи маводи доруворӣ тадбирҳои судманд андешида, бо бунёди корхонаҳои нави саноатӣ ва ба роҳ мондани истеҳсолот аз гулу гиёҳҳои ватанӣ дар ҳифзи солимии ҷомеа нақши муассир мегузоранд.

Бо бунёди Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Доруи Суғд», ки ба амалишавии «Барномаи давлатии рушди саноати дорусозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» мусоидат мекунад, шумораи корхонаҳои дорусозӣ ва молҳои тиббӣ дар вилояти Суғд ба шаш адад расид.

Тибқи маълумот, корхонаҳои дорусозии вилояти Суғд соли 2023 ҳаҷми истеҳсоли маводи доруворӣ ва молҳои тиббиро ба беш аз 486 ҳазор сомонӣ ва дар шаш моҳи аввали соли равон наздик ба 200 ҳазор сомонӣ баробар намудаанд.

**7-уми сентябри соли равон дар шаҳри Гулистони вилояти Суғд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо пахши тугмаи рамзӣ 3 гидроагрегати Неругоҳи барқи обии «Қайроққум»-ро баъди навсозӣ мавриди истифода қарор доданд.**



Кори боэътимоди неругоҳ бо гузоштани танга дар болои агрегатҳо ҷавобгӯи талабот арзёбӣ гардид.

Неругоҳ аз шаш гидроагрегат иборат буда, охирин агрегати он соли 1957 бо тавоноии лоиҳавии 21 МВт ба кор дароварда шудааст. Дар тӯли 68 соли фаъолият гидроагрегат ва дигар таҷҳизоти асосии неругоҳ куҳна шуда, иқтидори истеҳсолии он 12 МВт коҳиш ёфта буд.

Шурӯъ аз соли 2019 бо иқдому ташаббусҳои Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корҳои навсозӣ дар иншоот оғоз гардида, дар муддати беш аз 5 сол гидроагрегатҳои № № 4, 5 ва 6-и неругоҳ пурра навсозӣ ва иқтидори ҳар яки онҳо аз 19 ба 29 МВт баланд бардошта шуд.

Дар доираи лоиҳаи навсозии Неругоҳи барқи обии «Қайроққум» бо ҷалби шарикони рушд ва мутахассисони дохилию хориҷӣ то имрӯз як қисми таҷҳизоти толори мошинҳо, дастгоҳи идоракунии турбинаҳо, трансформаторҳои системаи ангезишӣ, дастгоҳи идоракунии зери фишор, системаи идоракунии гидроагрегат, шаш трансформатори иқтидорашон 40 МВА ва дигар дастгоҳҳои асосӣ бо дастрас намудани онҳо аз кишварҳои пешрафтаи Аврупо иваз карда шуд. Ба ҷойи дастгоҳи тақсимоти кушодаи 220/110 кВ дастгоҳи тақсимоти пӯшидаи элегазӣ насб гардид. Ҳамзамон, дар доираи лоиҳа сарбанди неругоҳ мустаҳкам карда шуда, корҳои таҷзияи таҷҳизоти куҳна дар агрегати №2 ба итмом расид ва панҷ крани борбардор низ навсозӣ шуд.

Аснои шиносоӣ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки айни замон бо ҷалби ширкатҳои ватанию хориҷӣ корҳои ҷамъоварии ҷузъҳои гидроагрегати № 3, таъмири кӯпруки сатҳи болоии неругоҳ, қитъаи обгузар ва корҳои навсозӣ дар дигар қисмҳои толори мошинҳо идома дорад.

Дар маҷмӯъ, баъди татбиқи ин лоиҳаи муҳим ва пурра ба истифода додани дигар гидроагрегатҳо, ки то соли 2026 пешбинӣ шудааст, истеҳсоли миёнаи солонаи неруи барқ дар Неругоҳи барқи обии «Қайроққум» аз 580 млн. кВт/соат ба 850 млн. кВт/соат расонида шуда, сатҳи идоракунӣ ва хизматрасонӣ ба талаботи замони муосир мутобиқ хоҳад шуд.

Сарвари давлат ба масъулон супориш доданд, ки дар доираи лоиҳа корҳои боқимондаро бо сифати баланд ва дар муҳлатҳои муайяншуда ба анҷом расонанд, то иншооти мазкур баъд аз анҷоми пурраи корҳои бозсозӣ солҳои зиёд ба мардум хизмат намояд.

Дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби сармоя ҷиҳати рушди соҳаи энергетика ба масъалаи навсозии неругоҳҳои амалкунанда таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, бо ин восита сатҳи таъминоти неруи барқ ба соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ давра ба давра беҳтар гардонида мешавад.

**www.prezident.tj**

***(Идомаи гузоришҳо аз ҷараёни сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд дар шумораи навбатии рӯзнома нашр мешаванд).***

---

**(Идома аз саҳ. 1)**

# РАСИДАН БА ИСТИҚЛОЛИ СИЁСӢ БУЗУРГТАРИН ПАДИДАИ ТАЪРИХИ МУОСИРИ ХАЛҚИ ТОҶИК МЕБОШАД

## Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Ҷашни 33-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон

**8-уми сентябри соли 2024, шаҳри Душанбе**

Ёдовар мешавам, ки таъсири манфии таҳдиду хатарҳои муосир ва мушкилоти зикршуда ба Тоҷикистони азизи мо низ расида истодааст. Дар чунин давраи ноором мо бояд барои ҳифзи истиқлолу озодӣ ва дастовардҳои он ҳамеша ҳушёру омода бошем ва дар ғафлат намонем.

Таъмин намудани амният ва суботу оромӣ дар мамлакат на танҳо яке аз афзалиятҳои сиёсати Ҳукумат мебошад, балки вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як шаҳрванди бонангу номуси кишвар ба ҳисоб меравад. Зеро амалӣ гардидани ормону орзуи ҳар як шахс танҳо дар сурати побарҷо будани сулҳу суботи ҷомеаву давлат ва ваҳдати миллӣ имкон дошта метавонад. Дар ин росто, мо бояд насли наврасу ҷавонро бо таърихи бисёр қадимӣ ва шукӯҳманду пурифтихори миллати тоҷик, бо мақому манзалати забони ширину шоиронаи тоҷикӣ, бо фарҳанги рангорангу ғановатманди бостонӣ, расму оинҳо ва суннату анъанаҳои деринаи миллӣ ҳар чӣ бештар ошно намоем. Мо бояд дар зеҳну шуури онҳо ҳисси баланди миллӣ, ифтихори ватандорӣ, нангу номус ва муҳаббату садоқат ба Ватанро тарбия кунем. Маҳз, бо ҳамин мақсади наҷиб мо тасмим гирифтем, ки «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсиро чун китоби Бобоҷон Ғафуров - «Тоҷикон» нашр намуда, ба ҳар хонадони тоҷик туҳфа намоем. Зеро «Шоҳнома» маҳзари дурахшони истиқлолу озодӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, ифтихори миллӣ ва ҳифзи марзу буми сарзамини муқаддаси ориёии мо мебошад.

Чанд рӯз пештар ба хотири боз ҳам баланд бардоштани ҳисси миллӣ ва худшиносиву худогоҳии мардум, аз ҷумла наврасону ҷавонон боз як озмуни ҷумҳуриявӣ – «Шоҳномахонӣ»-ро эълон намудем.

Имрӯз раванди ободониву созандагии Ватани маҳбубамон босуръат идома дорад. Мо бояд тамоми саъю талоши худро барои боз ҳам вусъат додани корҳои созандагиву бунёдкорӣ сафарбар созем. Яъне, аз хонаву кошона ва маҳалли зисти худамон сар карда, тамоми шаҳру ноҳияҳои сарзамини аҷдодиамонро то дурдасттарин деҳоти он ободу зебо гардонем.

Эътимоди комил дорам, ки бо кору фаъолияти ватандӯстонаву содиқонаи тамоми афроди бонангу номуси Ватан мо дар солҳои наздиктарин ҳамаи мушкилоти мавҷударо бартараф карда, Ҷашни бошукӯҳи 35-солагии Истиқлоли давлатиро бо дастовардҳои боз ҳам бузург истиқбол мегирем.

Бо ибрози чунин ниятҳои нек Ҷашни 33 - солагии Истиқлоли давлатиро бори дигар ба кулли мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиамон самимона табрик мегӯям.

Ба ҳамаи онҳо хонаи обод, саодати рӯзгор, сулҳу оромӣ, ки асоси хушбахтии халқамон ва ободиву сарсабзии Ватани маҳбубамон мебошад, инчунин, комёбиву барори кор орзу менамоям.

**Бигзор, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистони азизи мо ҳамеша пойдор ва умри истиқлоли мо ҷовидон бошад!**

**Ҳамеша саломату сарфароз ва бахтёру комгор бошед, ҳамватанони азиз!**

**Ҷашни 33-солагии Истиқлоли давлатӣ ба ҳар хонадони кишвар ва ҳамватанони бурунмарзиамон муборак бод!**

# ПЕШРАФТУ ОБОДИИ ВАТАН АЗ СОҲИБКОРОНИ БОНАНГУ НОМУС ВОБАСТАГИИ ЗИЁД ДОРАД

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони ноҳияи Ашт**

**8-уми сентябри соли 2024**



**Ҳамватанони азиз!**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Мулоқоти мову шумо дар арафаи Ҷашни Истиқлоли давлатӣ баргузор мегардад.

Фарорасии ин ҷашни бузургу муқаддаси миллиамонро ба мардуми мамлакат, аз ҷумла ба сокинони заҳматқарини ноҳияи Ашт самимона табрик гуфта, ба тамоми мардуми сарбаланди вилояти Суғд, бахусус ноҳияи Ашт, барои саҳми арзандаашон дар корҳои ободониву бунёдкорӣ ва иҷрои саривақтии супоришҳои Ҳукумати мамлакат миннатдорӣ баён менамоям.

Мардуми сарбаланди ноҳияи Ашт дар доираи пешбурди сиёсати созандаи Ҳукумати мамлакат ба хотири истиқболи сазовори солгарди истиқлоли Ватани маҳбубамон аҳлона заҳмат кашида, дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил шуда истодаанд.

Дар давоми се соли охир дар ноҳия 850 иншоот ба маблағи умумии зиёда аз 160 миллион сомонӣ сохта ба истифода дода шудааст ва нақшаи корҳои ободониву бунёдкорӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ барзиёд таъмин гардидааст. Ин дастовард боиси аҳсан ва намунаи ибрат барои дигар шаҳру ноҳияҳои мамлакат мебошад.

Барои саъю талоши ватандӯстона ба сокинони ҳимматбаланд, соҳибкорони бонангу номус ва фаъолони ноҳияи Ашт як ҷаҳон ташаккуру миннатдории худро баён менамоям.

Мо зимни сафари навбатӣ ба ноҳияи Ашт ба фаъолияти якчанд иншооти истеҳсоливу иҷтимоӣ, аз ҷумла майдони Нишони давлатӣ, корхонаҳои нассоҷӣ, фермаҳои чорводорию парандапарварӣ, маҷмааи варзиш ва маркази савдову хизматрасонӣ оғоз бахшида, шоҳиди вусъати корҳо дар як қатор иншооти дигар гардидем.

Бояд гуфт, ки сокинони ноҳия, махсусан, соҳибкорони бонангу номуси он бо кору фаъолияти содиқонаашон дар амалисозии ҳадафҳои стратегии мамлакат дар ҷодаи рушди соҳаҳои саноату кишоварзӣ, бунёди роҳу пулҳо, иншооти маорифу тандурустӣ ва дигар соҳаҳо саҳми ватандӯстонаи худро гузошта истодаанд. Дар натиҷаи чунин иқдомоти ватандӯстона барои аҳолӣ то имрӯз ҷойҳои зиёди корӣ таъсис дода шудаанд.

Танҳо дар панҷ соли охир аз ҷониби соҳибкорон дар ноҳия 20 корхонаи нави саноатӣ мавриди истифода қарор дода шуда, дар онҳо зиёда аз ҳазор нафар сокинони ноҳия бо ҷойи нави корӣ таъмин гардиданд ва шароити зиндагиашонро беҳтар намудаанд. Боиси қаноатмандист, ки имрӯз ду корхонаи нав, яъне корхонаҳои нассоҷии



Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Саноати Ашт» бо зиёда аз 700 ҷойи корӣ ба фаъолияти истеҳсолӣ шурӯъ намуданд.

Ба фаъолият оғоз кардани корхонаҳои зикршуда боиси ба шуғли пурмаҳсул фаро гирифтани занону бонувони ин ноҳияи дурдасти кишвар мегардад.

Корхонаҳои мазкур бо сармояи ватанӣ дар ҳаҷми беш аз 90 миллион сомонӣ бунёд гардида, иқтидори шабонарӯзии онҳо коркарди 15 тонна нахи пахтаро ташкил медиҳад. Яъне, иқтидори бунёдшуда имкон медиҳад, ки ҳаҷми пахтаи дар ноҳия истеҳсолшаванда дар худи ноҳия коркард карда шавад.

Қобили зикр аст, ки дар доираи роҳандозии нақшаву барномаҳои рушди истеҳсолоти саноатӣ корхонаҳои зикршуда бо таҷҳизоту технологияҳои пешрафта муҷаҳҳаз гардида, молҳои истеҳсолшаванда бо сифати баланд ва ҷавобгӯй ба стандартҳои бозори дохиливу хориҷӣ ба фурӯш бароварда мешаванд.

Зимни боздид аз фаъолияти ин корхонаҳо ва намоиши маҳсулоти онҳо ба роҳбарони корхонаҳо дастур дода шуд, ки корро дар самти зиёд намудани номгӯйи молҳо ва ба роҳ мондани коркарди пурраи нахи пахта то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии саноатӣ бо арзиши баланди иловашуда боз ҳам тақвият бахшанд.

Ҳамзамон бо ин, зарур аст, ки доир ба беҳтар кардани шароити маишии кормандон, бунёди кӯдакистон ва ба таълиму тарбия фаро гирифтани фарзандони онҳо тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

Бо истифода аз фурсат, бори дигар ба соҳибкорони бонангу номуси Ватан, аз ҷумла соҳибкорони ноҳияи Ашт барои корҳои созандагиву бунёдкоронаашон миннатдории Ҳукумати мамлакатро баён карда, як масъаларо хотиррасон менамоям.

Ватандорӣ ва ватансозӣ ифтихори бузург ва дар баробари ин, қарзи фарзандии ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон, аз ҷумла шумо – соҳибкорон мебошад. Бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд, ки аксари шумо дар ёд доред, мо дар як давраи на чандон тӯлонии таърихӣ давлати Тоҷикистонро аз вартаи нобудӣ ва миллати тоҷикро аз хатари парокандагӣ раҳо карда, ба як кишвари воҳид ва давлати соҳибистиқлоли дар арсаи олам эътирофшуда табдил додем.

Воқеаву ҳодисаҳои ҷаҳони имрӯза собит менамоянд, ки Ватан барои ҳар як инсони бонангу номус Ватан аст ва баробар ба модар мебошад. Ягон кишвари дигар онро иваз карда наметавонад ва кафолати амну осудагии шаҳрвандон ва пешрафту тараққиёти мамлакату давлати дигарро таъмин намекунад.

Бинобар ин, ҳар яки шумо – соҳибкорони ватандору ватандӯсти кишварро даъват менамоям, ки ҳар имконияту иқтидоре, ки доред барои ободии Ватани хеш, хусусан, бунёди корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ ва ташкили ҷойҳои корӣ барои ҳамватанони худ сафарбар намоед.

Бояд гуфт, ки дар ҳафт моҳи соли ҷорӣ дар ҳудуди вилояти Суғд беш аз 100 корхонаи нави саноатӣ ба истифода дода шудааст, ки аксари онҳо ба саноати коркард рост меоянд. Вале дар самти расидан ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар ва таъмин намудани шуғли пурмаҳсул дар вилоят имконияту захираҳои истифоданашуда ҳоло ҳам хеле зиёд мебошанд.

Дар ҳафт моҳи соли ҷорӣ суръати рушд дар зерсоҳаи саноати коркард ҳамагӣ 7,7 фоиз, аз ҷумла истеҳсоли хӯроквворӣ 5 фоизро ташкил додааст, ки ба талаботи нақшаву барномаҳои рушди саноати мамлакат ҷавобгӯй нест.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят барои бунёди корхонаву коргоҳҳо дар самти коркарди захираҳои табиӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулоти саноатии дорои арзиши баланди иловашуда, аз ҷумла масолеҳи сохтмон, хӯроквворӣ ва дорувворӣ аз гиёҳҳои шифобахш, инчунин, рушди сайёҳӣ имкониятҳои фаровон мавҷуданд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Мо имрӯз, инчунин, дар ноҳияи Ашт бо ҷараёни корҳо дар Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Рахшона» дар самти рушди чорвопарварию парандапарварӣ ва моҳипарварӣ шинос шудем.

**(Давомаш дар саҳ. 4)**

---

**(Идома аз саҳ. 1)**

Дар якҷоягӣ мо шарикиамонро дар самти мубориза бо терроризм густариш додем, ба истифодаи масъулиятнок ва ҳифзи муҳити зист мусоидат намудем ва ҳамкории бахшҳои хусусиро дар Осиёи Марказӣ дастгирӣ кардем. Талошҳои мо дар амри таҳкими амнияти энергетикӣ тавассути шарикӣ дар соҳаи маъданҳои муҳим боиси ифтихор аст.

Бо назари нек ба оянда, Иёлоти Муттаҳида ба пуштибонӣ аз Тоҷикистони тавонотар, озодтар ва шукуфонтар содиқ мемонад. Бароятон дар фазои таҷлили иди миллӣ ҷашнгирии пурфараҳу осударо орзу дорам».

***Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико***
***Ҷозеф Байден***

* * *

# ТАБРИКОТИ

## роҳбарони кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ва шахсиятҳои маъруф ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон



**«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович!**

Сидқан хушҳолам, ки ба Шумо ва мардуми дӯсти Тоҷикистон таманниёти беҳтарини худро ба ифтихори Ҷашни миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Рӯзи Истиқлол бирасонам.

Мо беандоза хушҳолем, ки зери роҳбарии хирадмандонаи Шумо мардуми бародари Тоҷикистон ин рӯзи барои худ муҳимро бо натиҷаҳои баланд ва комёбиҳо дар ҳамаи соҳаҳо истиқбол мегирад.

Мехоҳам ислоҳоти калонмиқёс ва кори бузурги созандаро, ки ҷиҳати таъмини рушди устувори кишвар, баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ, ҳамчунин, обрӯву эътибори Тоҷикистон ва таваҷҷуҳ ба он дар арсаи байналмилалӣ анҷом дода шудааст, алоҳида таъкид намоям.

Боиси қаноатмандии хоса аст, ки робитаҳои наздики бародарӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ миёни мардумони мо, ки тайи чандин садсолаҳо таҳким ёфтаанд, дар солҳои охир ба сатҳи бесобиқа расидаанд. Дар натиҷаи муҳокимаҳо ва музокироти самарабахш дар доираи сафари давлатӣ ба кишвари Шумо дар моҳи апрели соли равон, муносибатҳои мо ба сатҳи комилан нав – ҳампаймонӣ баромаданд ва ин иқдом рӯйдоди таърихӣ мебошад.

**Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович!**

Итминон дорам, ки талошҳои муштараки мо, муколамаи ошкорову дӯстона дар сатҳи олӣ ва мувофиқаҳои муҳими то имрӯз бадастомада ба шукуфоӣ ва рушди минбаъдаи мардумони ба ҳам бародари мо, таҳкими пайвастаи шарикии ҳамаҷониба ва дарозмуддат хизмат хоҳанд кард. Бо истифода аз фурсат, ба Шумо, Ҷаноби Олӣ, сиҳатмандии бардавом, саодати оилавӣ ва дар фаъолияти сермасъули давлатиатон комёбиҳои навин, ба мардуми бародари Тоҷикистон сулҳу пешрафти афзоишёбанда орзумандам».

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев***

* * *



**«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович,**

Аз номи мардуми Қазоқистон ва шахсан аз номи худам Шумо ва тамоми мардуми бародари тоҷикро бо Рӯзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик мегӯям.

Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандонаи Шумо роҳи устувори худро дар самти таҳкими давлатдорӣ идома дода, дар кишвар ислоҳоти муҳими сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ мунтазам амалӣ мегардад ва некуаҳволии кишвар сифатан боло меравад.

Ба шарофати заҳматҳои шахсии Шумо Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ эътибори баланд пайдо карда, дар таҳкими амнияту ҳамкории минтақавӣ саҳми назаррас мегузорад.

Итминон дорам, ки Тоҷикистон бо пайравӣ аз роҳи стратегии Шумо қадамҳои қатъии худро дар масири рушди устувор ва пешрафт идома медиҳад.

Тайи солҳои рушди соҳибихтиёрӣ кишварҳои мо муносибатҳои воқеан судманд ба роҳ мондаанд, ки таҳкурсии боэътимоди онҳо муколамаи эътимодбахш дар сатҳи олӣ мебошад. Бовар дорам, ки бо саъю талошҳои муштарак муносибатҳои шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии Қазоқистону Тоҷикистон минбаъд низ ба манфиати мардумони мо ҳамаҷониба таҳким меёбанд.

Дар ин рӯзи фараҳбахш ба Шумо, муҳтарам Эмомалӣ Шарифович, дар фаъолияти пурмасъули давлатӣ комёбиҳои минбаъда ва ба Тоҷикистони бародар некуаҳволию шукуфоӣ орзу дорам».

***Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон***
***Қосим-Жомарт Токаев***

* * *



**«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович,**

Ба муносибати Рӯзи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шуморо шахсан ва аз номи мардуми Қирғизистон табрик мегӯям.

Тӯли солҳои истиқлолият Тоҷикистон дар таҳкими давлатдорӣ, беҳбуди некуаҳволии мардум ва тақвияти нуфузу эътибори кишвар дар арсаи байналмилалӣ комёбиҳои назаррас ба даст овардааст.

Итминон дорам, ки муносибатҳои ҳар ду кишвар дар рӯҳияи эътимоди мутақобила, дӯстӣ ва ҳамсоягии нек таҳкиму таъмиқ хоҳанд ёфт.

Ба Шумо, муҳтарам Эмомалӣ Шарифович, саломатии бардавом, некуаҳволӣ ва дар фаъолияти давлатиатон комёбиҳо, ба мардуми Тоҷикистон сулҳу амонӣ ва рушд таманно дорам».

***Садир Жапаров, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон***

* * *



**«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович!**
**Бародари гиромӣ!**

Аз самими қалб Шумо ва тамоми мардуми кишваратонро ба муносибати Рӯзи Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик мегӯям.

Боиси хушҳолист, ки аз комёбиҳои кишвари Шумо, ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба даст омадаанд, ҳамчунин, аз сатҳи баланди рушди муносибатҳои барои ҷонибҳо судманди миёни кишварҳои мо ташаккулёфта ёдовар шавам.

Боварии комил дорам, ки ҷонибдории пайвастаи Туркманистон ва Тоҷикистон аз тавсеа ва таъмиқи минбаъдаи муколамаи байнидавлатӣ ҷавобгӯи манфиатҳои ду халқ мебошад.

Иҷозат фармоед, то ба Шумо барои саҳми бузурги шахсиатон дар таҳкими муносибатҳои дӯстиву ҳамкорӣ миёни Туркманистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон сипоси амиқи худро иброз намоям.

Бо истифода аз ин фурсати фараҳбахш, ба Шумо, муҳтарам Эмомалӣ Шарифович, сиҳатии комил, саодатмандӣ ва дар фаъолияти сермасъулатон комёбиҳо, ба мардуми бародари Тоҷикистон сулҳу пешрафт ва шукуфоии минбаъда орзумандам!»

***Пешвои миллии мардуми туркман,***
***Раиси Халқ Маслаҳатии Туркманистон***
***Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов***

* * *



**«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович!**

Ба ифтихори Рӯзи Истиқлоли кишваратон бо сарфарозӣ ба Шумо ва тамоми мардуми бародари кишваратон табрикоти самимона ва таманниёти беҳтарини худро ирсол медорам.

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи таҳкими давлатдории худ, беҳбуди рифоҳи мардум ва баланд бардоштани мақому манзалати кишвар дар арсаи байналмилалӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст.

Туркманистон ба таҳкими муносибатҳои анъанавӣ, дӯстона ва судманд бо Тоҷикистон, ки дар заминаи мустаҳками робитаҳои ҳусни ҳамҷаворӣ, баробарҳуқуқӣ, эҳтиром ва дастгирии ҳамдигарӣ асос ёфтаанд, аҳамияти хоса медиҳад. Боварии комил дорам, ки ба туфайли талошҳои муштараки мо ҳамкории Туркманистону Тоҷикистон мутобиқ ба нафъи мардумони ба ҳам бародари мо минбаъд ҳам рушд ёфта, амиқ хоҳанд гардид.

Бо истифода аз ин фурсати муносиб, ба Шумо, муҳтарам Эмомалӣ Шарифович, саломатии бардавом, некуаҳволӣ ва саодатмандии оилавӣ, ҳамчунин, комёбиҳои нав дар татбиқи ҳамаи иқдомҳо ва ниятҳоятон ба нафъи мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳонам!»

***Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов***

* * *



**«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович,**

Ба муносибати Ҷашни миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Рӯзи Истиқлолият аз номи худ ва аз номи мардуми Озарбойҷон ба Шумо ва дар симои Шумо ба тамоми мардуматон табрикоти самимитарин ва таманниёти нек мерасонам.

Таҳти роҳбарии дурандешонаи Шумо Тоҷикистон дар роҳи рушди ҳамаҷониба ва эҳёи иҷтимоию иқтисодӣ дилпурона пеш рафта, дар арсаи байналмилалӣ нуфузу эътибори баланд пайдо кардааст.

Мо ба муносибатҳои миёни Озарбойҷон ва Тоҷикистон, ки бар чунин пояҳои қавӣ, ба монанди умумияти пайвандҳои таърихиву фарҳангӣ, бародарӣ, эътимод ба ҳамдигар ва дастгирӣ асос ёфтаанд, аҳамияти хоса зоҳир менамоем.

Муносибатҳои чандинасраи мустаҳками дӯстона, ки байни мардумони бародари мо барқарор гардидаанд, муколамаи фаъоли сиёсӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ имрӯз яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи ҳамкории сатҳи баланди Озарбойҷону Тоҷикистон мебошанд.

Сафари давлатии Шумо ба Озарбойҷон, ки моҳи майи соли ҷорӣ сурат гирифт, сафҳаи навро дар таърихи робитаҳои Озарбойҷон ва Тоҷикистон боз намуда, муносибатҳои моро ба сатҳи шарикии стратегӣ боло бурд.

Итминон дорам, ки мувофиқаҳои ҳосилшуда оид ба самтҳои минбаъдаи робитаҳо зимни сафарҳои сершумори мутақобила барои ғанӣ гардонидани ҳамкории байнидавлатии мо бо мазмуну муҳтавои нав, таҳкими бештари ҳамбастагӣ миёни мардумони бародари мо, рушду шукуфоии пойдори кишварҳоямон ва тамоми минтақа саҳм хоҳанд гирифт.

Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович, дар ин рӯзҳои ҷашнӣ ба Шумо сиҳативу саодатмандӣ ва дар корҳоятон комёбиҳо, ба мардуми бародари Тоҷикистон некуаҳволӣ ва рифоҳу шукуфоии пайваста орзумандам».

***Илҳом Алиев, Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон***

* * *



**«Муҳтарам Эмомалӣ Шарифович,**

Аз номи мардуми Беларус ва шахсан аз номи худам ба муносибати Ҷашни миллӣ - Рӯзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрикоти самимона арз мекунам.

Мардуми Беларус нисбат ба кишвари Шумо, ки дар он таваҷҷуҳи хос ба мероси ғании фарҳангӣ бо рағбату умедвориҳо ба оянда ҳамоҳанг мебошад, муносибати ниҳоят гарм доранд.

Тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон дар арсаи иҷтимоию иқтисодӣ, таъмини амнияти миллӣ, таҳкими ҳамкории баробарҳуқуқ ва барои ҷонибҳо судманд дар арсаи байналмилалӣ ба комёбиҳои назаррас ноил гардид.

Муколамаи чандинсолаи эътимодбахшамонро баланд арзёбӣ менамоям ва ба идомаи он дар фазои дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ умед мебандам. Итминони комил дорам, ки шарикии Беларус ва Тоҷикистон, ки бар таърихи муштарак дар гузашта асос ёфтааст, минбаъд низ фаъолона рушд хоҳад кард.

Ба Шумо, муҳтарам Эмомалӣ Шарифович, сиҳатмандии наку ва некуаҳволӣ, ба тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон сулҳу субот ва шукуфоӣ хоҳонам».

***Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко***

* * *



«**Ба бародари азизам,**
**Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Худо ҳифзашон кунад.**
**Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу,**

Боиси хушнудист, ки Шуморо, Ҷаноби Олӣ, ба муносибати Рӯзи Истиқлоли кишваратон самимона табрику таҳният гуфта, барои Ҷаноби Олӣ беҳтарин таманниёти саломатию саодатмандӣ, барои Ҳукумат ва мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистони бародар пешравию шукуфоии пайваста орзу намоям».

***Ходими Ҳарамайни Шарифайн,***
***Подшоҳи Шоҳигарии Арабистони Саудӣ***
***Салмон ибни Абдулазиз оли Сауд***

* * *



**«Ҷаноби Президент,**

Ба муносибати Рӯзи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шумо ва мардуми тоҷик таманниёти самимии худро ирсол менамоям.

Муносибатҳои байнидавлатии кишварҳоямон дар соли гузашта ба сатҳи сифатан нав баромаданд. Шарикии минтақавии стратегие, ки дар моҳи сентябри соли гузашта ба роҳ монда шуд, аҳамият ва эътибори кишварҳои Осиёи Марказиро дар Олмон таъкид мекунад. Олмон хусусан Тоҷикистонро шарики муҳими худ, пеш аз ҳама, дар бахшҳои бехатарӣ, иқлим, об ва пиряхҳо медонад.

Шумо мутмаин бошед, ки Олмон дар оянда низ шарики боэътимоди Тоҷикистон боқӣ хоҳад монд ва дар рушди сохторҳои демократӣ ва давлати ҳуқуқбунёд, инчунин, дар самти пешбурди низоми ба иқтисодиёти бозаргонӣ нигаронидашуда бо Шумо минбаъд низ самимона ҳамкорӣ хоҳад кард.

Шахсан ба Шумо тамоми хушиҳо ва ба мардуми тоҷик ояндаи босуботро дар фазои озодӣ, бехатарӣ ва некуаҳволӣ таманно дорам».

***Президенти Ҷумҳурии Федеративии Олмон Франк-Валтер Штайнмайер***

* * *

**«Муҳтарам Ҷаноби Президент,**

Табрикоти гарму самимии маро ба Шумо ва мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати таҷлили Рӯзи Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул фармоед.

Кишварҳои мо дар солҳои гузашта муносибатҳои дӯстӣ ва



ҳамкорӣ барқарор намуданд. Ман ба рушди минбаъдаи онҳо ва ҳамчунин, таҳкими робитаҳои дӯстии байни халқҳоямон умед мебандам.

Ба Шумо аз сидқи дил саломатии бардавому хушбахтӣ, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон шукуфоии пойдор орзумандам».

***Президенти Ҷумҳурии Корея***
***Юн Сок Ёл***

* * *



**«Ҷаноби Олӣ,**

Лутфан табрикоти самимии маро ба муносибати 33-юмин солгарди Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намоед.

Покистон робитаҳои таърихӣ ва бародарии худро бо Тоҷикистон хеле қадр мекунад. Ман мутмаинам, ки ҳамкории гуногунпаҳлӯи байни ду кишвари бародари мо, ки бар пояи пойдор асос ёфтаанд, бо мурури замон ба нафъи халқҳои мо ва дар маҷмӯъ минтақа тақвият хоҳанд ёфт.

Ман аз ин фурсат истифода бурда, ба Шумо орзуҳои неки саломатӣ, некуаҳволӣ ва хушбахтӣ, пешрафту шукуфоии минбаъдаи мардуми бародари Тоҷикистонро иброз менамоям.

Лутфан, Ҷаноби Олӣ, эҳтироми олии маро қабул фармоед».

***Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон***
***Осиф Алӣ Зардорӣ***

* * *



**«Ҷаноби Олӣ,**

Бо камоли хушнудӣ самимитарин табрикоти худро ба муносибати Ҷашни фархундаи 33-солагии Истиқлоли кишваратон тақдим мекунам.

Покистон ба муносибатҳои гарму бародаронаи худ бо Тоҷикистон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамояд. Ду кишвари мо, ки бо таърих, мазҳаб ва ҷуғрофияи муштарак пайвастагӣ доранд, дӯстону шарикони воқеӣ мебошанд. Бо камоли қаноатмандӣ қайд менамоям, ки равобити дуҷонибаи кишварҳо дар тӯли чандин солҳо инкишофи мусбатро идома медиҳад.

Дар иртибот ба ин, аз сафари пурсамаре, ки моҳи июли соли ҷорӣ ба кишвари зебои Шумо доштам, бо камоли майл ёдовар мешавам. Ман бори дигар ба Шумо, Ҷаноби Олӣ, барои меҳмоннавозии самимонаи ман ва ҳайати ман дар шаҳри Душанбе изҳори сипос менамоям. Ин дидор масирро барои иқдомоти оянда муайян кардааст ва ман бовар дорам, ки ин масир равобити дуҷонибаро ба ривоҷу шукӯҳи бештар мерасонад. Маҳз дар ҳамин рӯҳия ман аз Ҷаноби Олӣ ҷиҳати ташриф овардан бо сафари расмӣ ба Покистон дар фурсати бароятон муносиб даъват ба амал меорам.

Ба Ҷаноби Олӣ саломатӣ, умри дароз, некуаҳволӣ ва барои халқи бародари Ҷумҳурии Тоҷикистон пешрафту шукуфоии минбаъда таманно дорам.

Лутфан, Ҷаноби Олӣ, изҳори ғояти эҳтироми маро бипазиред».

***Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон***
***Муҳаммад Шаҳбоз Шариф***

* * *



**«Муҳтарам Ҷаноби Президент,**

Ба муносибати солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қаноатмандии бузург табрикоти самимӣ ва беҳтарин таманниёти худро ба Шумо ва ба мардуми Тоҷикистон ирсол менамоям.

Ин рӯз дар таърихи кишвари Шумо марҳалаи муҳим буда, аз устуворӣ ва тавоноии мардумаш дар роҳи соҳибстиқлолӣ шаҳодат медиҳад. Ман бо ифтихор метавонам иброз намоям, ки кишварҳои мо аз соли 1991 муносибатҳои созанда ва барои ҷонибҳо судмандро роҳандозӣ намудаанд ва умед дорам, ки онҳо минбаъд низ идома хоҳанд ёфт.

Бо истифода аз ин фурсат шахсан ба Шумо беҳтарин хушиҳо ва ба мардуми Тоҷикистон ояндаи дурахшон орзумандам».

***Президенти Федералии Ҷумҳурии Австрия***
***Александр Ван дер Беллен***

*Барқияҳои табрикӣ, ҳамчунин, ворид гардиданд:*

*Аз номи Императори Ҷопон Наруҳито, Подшоҳи Белгия Филипп, Подшоҳи Нидерланд Виллем-Александр, Подшоҳи Шведсия Карл XVI Густав, Подшоҳи Испания Филиппи VI, Валиаҳд, Раиси Шурои вазирони Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Муҳаммад ибни Салмон ибни Абдулазиз оли Сауд, Дабири кулли Созмони ҳамкории Шанхай Чжан Мин, Дабири кулли Созмони ҳамкории иқтисодӣ Асад Хан.*

*Воридшавии паём ва барқияҳои шодбошӣ ба унвони Пешвои миллат идома дорад.*

**www.prezident.tj**

(Идома аз саҳ. 3)

# ПЕШРАФТУ ОБОДИИ ВАТАН АЗ СОҲИБКОРОНИ БОНАНГУ НОМУС ВОБАСТАГИИ ЗИЁД ДОРАД

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони ноҳияи Ашт**

**8-уми сентябри соли 2024**

Дар ҷамъияти мазкур мурғи гӯштӣ ва чорвои калон парвариш карда мешавад, ки барои таъмин намудани бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифат, бо нархи дастрас ва дар таъмини амнияти озуқаворӣ саҳм мегузорад.

Парвариши моҳӣ дар ин ҷамъият ба таври суперинтенсивӣ ба роҳ монда шудааст ва илова бар ин, имрӯз ба парандапарварӣ, яъне истеҳсоли боз як навъи гӯшти парҳезӣ оғоз бахшида шуд. Дар панҷ соли охир истеҳсоли моҳӣ дар ноҳия беш аз 16 баробар афзудааст, ки ин нишондиҳандаи хеле хуб мебошад.

Танҳо дар ҳафт моҳи соли 2024-ум 48 фоизи истеҳсоли гӯшти моҳии вилоят ба ноҳияи Ашт рост меояд ва истеҳсоли гӯшти паранда дар ноҳия нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5,2 баробар афзудааст, ки боиси аҳсан мебошад.

Инчунин, аз ҷониби Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Рахшона» барои беҳтар намудани заминҳои корам бо оби полезӣ зиёда аз 7 километр хатти обрасонӣ бо пойгоҳи обкашӣ бунёд гардидааст, ки дар натиҷа обрасонии зиёда аз 100 гектар замин беҳтар ва 120 гектар замини партов ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шудааст.

Ҳукумати мамлакат, бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда, дар ҷодаи амалисозии ҳадафи стратегии миллӣ оид ба ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва таъмин намудани фаровонии бозори истеъмолии кишвар бо маҳсулоти истеҳсоли худӣ маҷмӯи тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ карда истодааст.

Дар натиҷа, ҳоло дар Тоҷикистон таъминот бо маҳсулоти асосии озуқавории истеҳсоли ватанӣ ба 85 фоиз расонида, бахусус, истеҳсоли гӯшту шир ба меъёрҳои истеъмолӣ мутобиқ гардонида шудааст.

Бо дастгириҳои давлатӣ ва пешниҳоди имтиёзҳои мушаххас соҳаи парандапарварӣ тадриҷан рушд ёфта, танҳо дар шаш соли охир дар кишвар шумораи корхонаҳои соҳа 3,5 баробар, ҳаҷми истеҳсоли тухм 3,6 ва гӯшти паранда 7,3 баробар афзудааст. Вале имконияту воситаҳои истифоданашуда доир ба рушди соҳаҳои парандапарвариву моҳипарварӣ ва ба ин васила таъмин намудани бозори истеъмолии кишвар бо ин намудҳои маҳсулот, ташкили сайёҳии гастрономӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ аз ин ҳисоб дар аксари шаҳру ноҳияҳои мамлакат хеле зиёд мебошанд. Бинобар ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои мамлакат, Вазорати кишоварзӣ ва дигар вазорату идораҳои марбута бояд ҷиҳати баланд бардоштани маҳсулнокии соҳаи кишоварзӣ тамоми тадбирҳои заруриро амалӣ намоянд.

Зарур аст, ки дар самти кам кардани талафоти саршумори паранда ва ба ин васила зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти соҳа, инчунин, бо истифодаи таҷрибаи пешқадам вусъат бахшидан ба ташкили корхонаҳои парандапарвариву моҳипарварӣ чораҳои мушаххас андешида шаванд.

Ҳамзамон бо ин, зарур аст, ки барои баланд бардоштани ҳосилхезии замин ва ҳосилнокии зироатҳо усулҳои нави обёрии заминҳои кишоварзӣ, истифодаи тухмиҳои аълосифат, технологияҳои муосир ва нуриҳои маъданӣ ба таври васеъ ба роҳ монда шавад.

Таҷрибаи пешқадам оид ба истифодаи самараноки обу замин, аз ҷумла кишти такрории зироатҳои кишоварзӣ бо усули обёрии қатрагӣ дар хоҷагии деҳқонии «Абдуҷаббор»-и ноҳияи Ашт яке аз мисолҳои маданияти баланди истифодаи замин ба ҳисоб меравад.

Роҳбарияти хоҷагӣ бо харҷи ним миллион сомонӣ ва бунёди ҳавзи об бо ғунҷоиши 1400 метри мукааб обёрии қатрагиро барои 7,5 гектар замини боғот ва ҳамзамон бо ин, кишти такрории 14 намуди зироат ба роҳ мондааст. Гирифтани ҳосили баланди зироатҳои гуногун на танҳо аз шароити замин ва иқлими минтақаи алоҳида, балки аз ҷидду ҷаҳди деҳқони асил вобаста мебошад.

Мо мисоли ба роҳ мондани парвариши хучро дар ноҳия дида будем. Танҳо дар се соли охир майдони ҳосилдиҳандаи хуч дар ноҳия 70 фоиз ва истеҳсоли ин намуди маҳсулот ду баробар афзудааст. Дар ду соли охир дар ноҳияи Ашт 3,3 ҳазор тонна хуч истеҳсол гардида, аз он мустақиман аз ноҳия 400 тонна ба хориҷи кишвар содирот ва боқимонда ба дигар минтақаҳои кишварамон барои коркард, бандубаст ва содироти минбаъда интиқол дода шудааст. Яъне, афзоиши истеҳсоли ин намуди маҳсулот на танҳо барои ба шуғл фаро гирифтани сокинони ноҳияи Ашт, балки ба зиёд шудани ҷойҳои корӣ дар дигар шаҳру ноҳияҳои кишвар мусоидат намудааст.

Шароити иқлими ноҳияи Ашт барои рушди соҳаи боғдорӣ мусоид буда, дар ноҳия майдони боғҳо дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ қариб 20 ҳазор гектарро ташкил медиҳад. Танҳо соли ҷорӣ 66 гектар боғоти нав ташкил шуда, 82 гектар боғҳои куҳна барқарор карда шудаанд. Ҳоло ҳосилнокии боғҳои ноҳия нисбат ба соли 1991-ум 7,5 баробар зиёд шудааст.

Дар ноҳияи Ашт солҳои 2023 - 2024-ум 85 ҳазор тонна мева истеҳсол шудааст, ки аз он 8 ҳазор тонна меваи тару тоза ва 1,5 ҳазор тонна меваи хушк мустақиман аз ноҳия ба хориҷи кишвар содирот гардидааст.

Бори дигар таъкид мекунам, ки дар шароити бисёр ҳассоси ҷаҳони муосир бояд ба масъалаҳои истифодаи самараноки обу замин ва гирифтани ду-се ҳосил ва ба ин васила таъмин намудани талаботи аҳолии мамлакат ба маҳсулоти озуқаворӣ аҳамияти ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки ҷиҳати бо усули обёрии қатрагӣ васеъ ба роҳ мондани таҷрибаи кишти зироатҳои гуногун, роҳандозии саривақтии кишти такрории зироатҳо, бахусус, дар майдони боғот ва ба ин васила зиёд намудани ҳосили зироатҳои кишоварзӣ тамоми захираву имкониятҳо сафарбар карда шаванд.

Такроран таъкид месозам, ки ба масъалаҳои захира намудани маҳсулоти ғизоӣ аз ҷониби ҳар як оила ва сарфакорӣ дар ҳамаи самтҳои зиндагии шаҳрвандон, хусусан, дар истифодаи неруи барқ аҳаммияти зарурӣ дода шавад. Ҳамчунин, ҳар чӣ бештар ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ба содирот баровардани маҳсулоти ниҳоӣ аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки бояд таҳти назорати доимӣ қарор дошта бошанд.

Бо ташаббусҳои созандаи соҳибкорону шахсони саховатпеша ва сокинони ноҳияи Ашт дар ҳашт моҳи соли ҷорӣ 122 километр роҳҳои дохилӣ ба маблағи зиёда аз 50 миллион сомонӣ таъмиру таҷдид карда шудаанд. Имрӯз роҳҳои дохилии деҳаи Гулшан, ки дар масофаи 20 километр бо сифати баланд таъмир гардидаанд, мавриди истифодаи сокинон қарор дода шуданд.

Бо вуҷуди корҳои назарраси то имрӯз амалигардида, роҳбарияти ноҳияро зарур аст, ки ҷиҳати истиқболи сазовори Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва татбиқи чорабиниҳои панҷсолаи рушди саноат минбаъд низ бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла бо соҳибкорону сармоягузорони ноҳия ҳамкории судмандро идома диҳанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар даврони соҳибистиқлолӣ барои таъмин намудани рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Ашт ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо беш аз 3,7 миллиард сомонӣ маблағ равона карда шудааст.

Дар ноҳия ҷиҳати таҷдиду бунёди иншооти соҳаҳои маорифу тандурустӣ, барқарорсозии шабакаҳои обрасонӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ, нигоҳдории роҳҳо ва сохтмони хатти интиқоли барқ 12 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 310 миллион сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло дар ин самтҳо татбиқи боз се лоиҳаи дигар идома дорад, ки маблағи умумии дар доираи онҳо азхудшуда беш аз 10 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Дар ин давра аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 35 муассисаи нави таълимӣ ва биноҳои иловагӣ барои беш аз 14 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст. Танҳо дар соли ҷорӣ сохтмони чор бинои муассисаи таълимӣ ва бинову синфхонаҳои иловагӣ барои 2600 хонанда бомаром идома дошта, то имрӯз якчанд иншооти навбунёди соҳаи маориф мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Бо вуҷуди дастовардҳо дар ноҳия зарур аст, ки барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода кардани кадрҳои баландихтисос, омӯхтани забони давлатӣ, таъриху фарҳанги бостонии халқи тоҷик, боло бурдани завқу рағбати хонандагон ба омӯзиши фанҳои табиӣ ва риёзӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ бояд таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад.

Инчунин, бояд сифати таҳсилот ва касбомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбии ноҳия беҳтар карда шуда, ихтисосу ҳунарҳое, ки барои бозори меҳнат заруранд, таъсис дода, ҷиҳати бо шуғл таъмин намудани сокинони ноҳия чораҳои иловагӣ андешида шаванд.

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар ноҳияи Ашт 26 муассисаи тандурустӣ сохта ба истифода дода шудааст. Аммо дар ноҳия масъалаҳои ҳалталаби соҳа, аз ҷумла таъмирталаб будани баъзе марказу бунгоҳҳои саломатии деҳот, корношоям будани таҷҳизоти онҳо ва норасоии кадрҳои соҳа, бахусус, табибон ба назар мерасанд, ки андешидани тадбирҳои иловагиро тақозо менамоянд.

Бо дарназардошти саъю талоши ватандӯстонаи соҳибкорон ва аҳолии ноҳияи Ашт як масъалаи муҳимро хотирнишон менамоям. Шумо хуб медонед, ки масъалаи ба муассисаҳои томактабӣ фаро гирифтани кӯдакон яке аз масъалаҳои муҳими низоми таълиму тарбия мебошад. Бинобар ин, шумо бори дигар намуна нишон дода, то Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ҳар як деҳаи калон барои фарзандону набераҳои худатон як муассисаи томактабӣ ва барои ҳамдиёронатон як бунгоҳи тиббӣ бунёд кунед.

Шумо ҳамин корро кунед ва мушоҳида кунед, ки дар муддати кӯтоҳ чӣ қадар мушкилоту масъалаҳо аз байн мераванд, чӣ қадар одамон соҳиби ҷойи кор мешаванд ва зиндагии мардум чӣ гуна тағйир меёбад. Ҳамчунин, зарур аст, ки дар ду соли оянда, яъне то Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳия боз 15 корхонаи нави саноатӣ бунёд карда шавад.

Ман медонам, ки шумо – соҳибкорони ватандӯст ва мардуми бонангу номуси ноҳияи Ашт барои анҷом додани ин кор имконият ва муҳимтар аз ҳама, ғайрату ҳиммат доред. Ҳамчунин, таъкид менамоям, ки вазифаи муҳими роҳбарону фаъолони ноҳия густариш бахшидани корҳо дар байни аҳолӣ бо мақсади пешгирӣ кардани гароиши ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои радикаливу экстремистӣ, зуҳуроти бегонапарастӣ ва анъанаҳои номатлуб мебошад.

Ҳамзамон бо ин, ба ҳушёриву зиракӣ ҳидоят кардани ҷавонон ва дар рӯҳияи садоқат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ тарбия кардани онҳо аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим ба шумор меравад.

Вобаста ба ин, роҳбарону масъулини ноҳияро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва бо ҷалби васеи сохторҳои кор бо ҷавонон, занон, падару модарон ва фаъолони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ҷиҳати пешгирӣ кардани ҷинояткорӣ, бахусус, дар байни наврасону ҷавонон мунтазам чораҷӯӣ намоянд.

Хотиррасон менамоям, ки ҳамаи шумо аз камбудиву мушкилоти рӯзи 9-уми март дар суханронии Роҳбари давлат бо намояндагони аҳли ҷомеа ва ходимони дин баёнгардида хабар доред. Ман андешаҳои худро доир ба ин масъалаҳо чанд рӯз пештар дар Рӯзи дониш низ баён доштам.

Иҷрои дастуру супоришҳои додашуда ва бартараф кардани мушкилоту камбудиҳо, дар навбати аввал вазифаи шумо – роҳбарон ва фаъолон мебошад. Зеро ҳар яки шумо бевосита бо мардум кор мекунед.

Мову шумо бояд ҳамеша шукронаи соҳибдавлату соҳибватанӣ ва сулҳу оромиро ба ҷо оварем, мардум, аз ҷумла наврасону ҷавононро ба роҳи дуруст ва ободкориву созандагӣ ҳидояту роҳнамоӣ кунем.

Сармоягузорону соҳибкорон ва роҳбарони корхонаву коргоҳҳои кишоварзиву саноатии вилоят, аз ҷумла ноҳияи Ашт, дар навбати худ, бояд ҷиҳати амалӣ гардидани ҳадафҳои умумимиллӣ ва иҷрои вазифаи иҷтимоии хеш – таъсиси ҷойҳои корӣ барои ҳамдиёрони худ минбаъд низ ҷаҳду талош намоянд ва фаъолияти худро барои рушду пешрафти кишвар ва баланд бардоштани мақоми Тоҷикистони азизамон равона созанд.

Аз фаъолияти шумо – истеҳсолкунандагони муҳтарам ва соҳибкорон – пешрафту ободии Ватан ва болоравии сатҳу сифати зиндагии мардум вобастагии зиёд дорад ва дар ин ҷодаи пурмасъул бароятон комёбиҳои рӯзафзун орзу менамоям.

Бори дигар сокинони вилояти Суғд, ноҳияи Ашт ва шумо – ҳозирини гиромиро ба ифтихори Ҷашни 33-солагии Истиқлоли давлатӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар як сокини ноҳия барои амалӣ гардонидани ҳадафу ормонҳои нек барору муваффақият ва хонаи ободу рӯзгори пурфайз орзу менамоям.

**Доимо хушбахту пирӯз бошед, ҳамдиёрони азиз!**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 424771 | Беморхонаи клиникии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ба номи Б.Воҳидов | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 4 | 26.09.2024 16:20:40 |
| 2 | 424774 | Муассисаи давлатии тандурустии «Дармонгоҳи стоматологии вилояти Суғд» | Кондитсионер | Озмуни кушод | Мол | 1 | 26.09.2024 16:50:50 |
| 3 | 424775 | Беморхонаи клиникавии №1-и шаҳри Хуҷанд | Реактивҳо, реагентҳо ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 32 | 26.09.2024 16:50:50 |
| 4 | 424773 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи оташнишонӣ-техникии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара» | Либоси махсус ва пойафзол барои донишҷӯён | Озмуни кушод | Мол | 4 | 26.09.2024 17:41:50 |
| 5 | 424781 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи Нурматов»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 34 | 27.09.2024 08:33:33 |
| 6 | 424726 | Корхонаи фаръии «Шахтаи Фон-Яғноб»-и Корхонаи воҳиди давлатии «Ангишти тоҷик» | Аркаҳои оҳанӣ ва конвеери тасмагӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 27.09.2024 09:00:00 |
| 7 | 424727 | Корхонаи фаръии «Шахтаи Фон-Яғноб»-и Корхонаи воҳиди давлатии «Ангишти Тоҷик» | Қисмҳои эҳтиётии экскаватор | Озмуни кушод | Мол | 44 | 27.09.2024 09:00:00 |
| 8 | 424779 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии «Литсей - интернати президентӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 32 | 27.09.2024 09:00:00 |
| 9 | 424778 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии 8-уми шаҳри Хоруғ | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 27.09.2024 11:00:00 |
| 10 | 424777 | Беморхонаи марказии шаҳри Хоруғ | Сервер барои компютер | Озмуни кушод | Мол | 1 | 27.09.2024 12:00:00 |
| 11 | 424782 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Синои шаҳри Душанбе» | Гулҳои мавсимӣ | Озмуни кушод | Мол | 4 | 27.09.2024 13:33:33 |
| 12 | 424786 | Муассисаи давлатии «Телевизиони мусиқии Тоҷикистон - Шаҳнавоз» | Линза барои камераи видеоӣ, камераи видеоӣ ва микрофон | Озмуни кушод | Мол | 3 | 27.09.2024 14:00:00 |
| 13 | 424785 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҳезум | Озмуни кушод | Мол | 1 | 27.09.2024 14:00:41 |
| 14 | 424784 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҳезум | Озмуни кушод | Мол | 1 | 27.09.2024 14:05:30 |
| 15 | 424787 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон» | Лавозимоти дастгоҳи гемодиализ | Озмуни кушод | Мол | 7 | 27.09.2024 15:00:05 |
| 16 | 424780 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Молҳои хоҷагидорӣ, барқӣ ва сантехникӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва масолеҳ барои насосҳои обкашӣ, рангҳои равғанӣ, матои оксфорд, масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни кушод | Мол | 66 | 27.09.2024 15:55:55 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.


## ЭЪЛОН!

Сафорати Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 сентябри соли 2024 музоядаи фурӯши автомашинаи тамғаи «Ауди» (AUDI) A8 соли барориш - 2011-ро доир менамояд.

Хоҳишмандон барои иштирок дар музояда ба суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 26 муроҷиат намоянд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Каримов Беҳрӯз Қадриддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи хонадорӣ, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 30, хонаи 25, ба Пирова Заравшон Наимовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи 3Т №811036, ки онро Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе соли 1987 таҳти қайди 3897 бо ихтисоси фелдшер ба Баладжонов Худогу Мирзоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкори инфиродӣ бо РЯМ 0930043199-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор ба Қодиров Олимҷон додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро факултети тиббии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2022 ба Давлатшоев Лутфулло Давлатшоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи № 079672, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №20-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ соли 1990 ба Кокулова Зайнурамо додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Саъдӣ Шерозӣ, бинои 29, хонаи 81, ба Давлятов Сайдалӣ Муроталиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Саъдӣ Шерозӣ, бинои 29, хонаи 81, ба Давлятов Сайдалӣ Муроталиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари гумшудаи хонадорӣ, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Саъдӣ Шерозӣ, бинои 29, хонаи 81, ба Давлятов Сайдалӣ Муроталиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №1137588, ки онро муассисаи давлатии таҳсилоти миёнаи умумии (ғоибона) барои наврасон ва калонсолон дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022 ба Сангов Қобилҷон Убайдуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи меҳнатии гумшуда, ки соли 1976 дар хоҷагии «Съезди XXII партия»-и ноҳияи Пролетар (ҳоло ноҳияи ба номи Ҷаббор Расулов) ба номи Раҳматов Салоҳиддин Собирович (ҳоло Раҳматзода Салоҳиддин Собир) ба расмият дароварда шудааст, эътибор надорад.

✓ Ҳуҷҷатҳои гумшудаи таъсисии ҶДММ «Сомончӣ» (муҳр, шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ, иқтибос аз феҳрасти ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва РМА 030032032), ки онҳоро Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифтааст, эътибор надоранд.

✓ Протоколи гумшудаи хариду фурӯш ва дафтарчаи гумшудаи бӯстонсарой, ки онро Раёсати ҷамъияти рафиқонаи бӯстонсарои «Боғкор»-и деҳоти Чимтеппаи ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе (собиқ ҷамоати деҳоти Чимтеппаи ноҳияи Рӯдакӣ) бо суроғаи «Бӯстонсарой»-и № 52, кӯчаи 3, ба Гадоев Сайфулло Холович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи А 01752655, ки онро ШВКД -1 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 28-уми январи соли 2019 ба Собиров Ковус Абдуҷалилович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «ЗУҲАЛ-2013» (РМА 3110001245), ки он дар Нозироти андози ноҳияи Хуросон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Амонатбор» (РМА 040060895, РЯМ 0410038530), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 29-уми июни соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Тоҷикавтотранс» (РМА 635555143), ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Хуҷанд 6-уми январи соли 2023 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоятҳо давоми ду моҳ қабул карда мешавад.



Садои мардум

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фарҳунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 10 сентябри соли 2024, соати 17:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33085 нусха*

**Навбатдори шумора Ш. Атобуллоев**

**Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров**

**Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97**